Ҳар шутур, ки дар гардан ресмон ва гарданбанд дорад бурида шавад

Аз Абубашири Ансорӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки : Дар яке аз сафарҳо бо Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) буд ва Расули Аллоҳ дар ҳоле, ки мардум барои шабгузаронӣ ҷойгир шуда буданд касеро фиристод ва фармуд: "Ҳар шутур, ки дар гардан ресмон ва гарданбанд дорад бурида шавад".

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар яке аз сафарҳои худ, ки мардум дар хаймаҳои худ буданд, шахсеро назди онон фиристод то бигӯяд тамоми гарданбандҳои шутуронро, чи аз зиҳ (зиҳи камон) бошад ё зангӯла ва ё ҳатто наъл, бигиранд, зеро онҳо аз тарси чашм расидан ин амалро анҷом медоданд. Бинобарин дастур дода шуданд то ҳама онро қатъ кунанд, зеро он чашм ва зарарро дафъ намекунад, суд ва зиён ҳама ба дасти Аллоҳи ягона аст, ки Ӯро шарик нест.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/6761